# ДАР СОЛИ НАВ НИЗ БОЯД ХУБТАРУ БЕҲТАР КОРУ ФАЪОЛИЯТ НАМУД

**15-уми декабри соли ҷорӣ дар толори асосии ДДТТ ҷамъомад доир гардид, ки дар он ҳайати устодону профессорон ва кормандони донишгоҳ ҳисоботи ректори донишгоҳ, профессор Шарифзода Мумин Машокирро дар соли 2016 ва вазифаҳо барои соли 2017 бо мароқи том шуниданд.**

Аз ҳисоботи ректори донишгоҳ маълум гашт, ки аҳли илм ва заҳмати донишгоҳ дар соли ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташонро дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарору фармоиш ва дастурҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи Тоҷикматлубот ба роҳ монда, дар бобати таълиму тарбия ва тайёр кардани мутахассисони варзидаи ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазир дастовардҳои назаррасро соҳиб гардиданд.

Заминаи мустаҳками моддӣ-техникӣ ва иқтидори кадрии донишгоҳ, - гуфт маърузачӣ,- имкон фароҳам овард, ки сатҳу сифати таълиму тарбия нисбати солҳои қаблӣ беҳтар гардида, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шаванд.

Ба ҷумлаи устодони штатии донишгоҳ олимони шинохта, доктороҳои илм, профессорон, арбобони илм ва техникаи ҷумҳурӣ ба монанди Маҷидов Ҳ., Ҳабибов С.Ҳ., Исоматов Б.И., Раҷабов Р.К., Ҷабборов А.Ҷ., Тошбоев Ғ.А., Қурбонов Б.Р., Иброҳимов С., Раззоқов Б., ва номзадҳои илм, дотсентҳо бо таҷрибаи чандинсолаи кор дар муассиссаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин олимони ҷавон - хатмкардагони донишгоҳ шомил мебошанд, ки саҳмашон дар пешрафти донишгоҳ беназир аст.

Дар донишгоҳ профессорону омӯзгорон ва кормандони илмӣ, ки бо ҷоизаҳои сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мукофотонида шудаанд, фаъолият менамоянд, аз ҷумла, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон 2 нафар; Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 нафар; Корманди шоистаи кооператсияи матлубот 12 нафар; Медали хизмати шоиста 1 нафар; Ғолиби озмуни байналмилалӣ оид ба нашри маводҳои таълимӣ ва илмӣ (Вузовская книга Евразия) 1 нафар; Ҷоизаи Исмоили Сомонӣ 9 нафар.

Боиси хурсандист, ки дар донишгоҳ сол то сол шумораи ихтисосҳои замонавӣ меафзоянд. Донишгоҳ имрӯз аз рӯи 16 ихтисоси замонавӣ, ки 24 зерихтисоси ба талаботи бозори меҳнат заруриро дар бармегирад, мутахассисон ва кормандони илмӣ-омӯзгорӣ тайёр мекунад.

Соли таҳсили 2015-2016 дар донишгоҳ ихтисосҳои нав, аз ҷумла:
- 25.01.12 - информатикаи иқтисодӣ;
- 25.01.04.04 - суғурта;
- 26.02.01.01 - бизнес -маъмуриятчигӣ дар соҳаи истеҳсолот ва хизмат;
- 23.01.01.01 - сиёсати берунӣ ва дипломатия;

- 25.01.08.01 – баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо;
- 26.02.03.12 - маркетинг дар сайёҳӣ ҷорӣ карда шуданд.

Раванди таълим ҳам дар шуъбаи рӯзона ва ҳам дар шуъбаи ғоибона дар ҳар ду даври академӣ аз тарафи кормандони департаменти таълим, садорати факултетҳо мавриди санҷишу омӯзиш қарор дода мешаванд. Аз тарафи кормандони департа менти таълим дар соли ҳисоботӣ давомоти донишҷӯён, таъмин будани донишҷӯён бо маводҳои тақсимшаванда, омодагии устодон ба дарсҳо ва тарзи дурусти пур кардани журнали қайди давомоти донишҷӯён назорат карда мешуданд.

Дар асоси дафтари бақайдгирии дарсшикании департаменти таълим ва пешниҳоди садорати факултетҳои донишгоҳ аз аввали соли таҳсили 2015 – 2016 дар донишгоҳ 98 дарсшиканӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 60-тои он ба нимсолаи якум ва 38-тоаш ба нимсолаи дуюм рост меояд.

Барои муайян намудани сифати дарсҳои омӯзгорон ва ба талаботи донишҷӯён ҷавобгӯ будани устодон, дар гурӯҳҳои таълимӣ раъйпурсии "Фаъолияти устод аз нигоҳи донишҷӯ" дар ҳар як нимсолаи хониш 2 маротибагӣ гузаронида шуд.

Донишҷӯён ба фаъолияти устодон баҳогузорӣ карда, барои боз ҳам беҳтар намудани сифати таълим, баланд бардоштани дараҷаи азхудкунии донишҷӯён пешниҳодҳои ҷолиб манзур намуданд.

Дар донишгоҳ соли 2016-ум 939 нафар хатмкунанда барои супоридани имтиҳонҳои давлатӣ роҳ дода шуда аз онҳо 861 нафар донишгоҳро хатм намуданд. Аз ин миқдор 51 нафар аз ҳисоби пардохт накардани маблағи таҳсил ва паст будани холи миёна (GPA), 21 нафар донишҷӯ бо сабаби иштирок накарданд дар имтиҳонҳои давлатӣ ва 6 нафар бо сабаби баҳои ғайриқаноатбахш гирифтан донишгоҳро хатм карда натавонистанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки хатмкунандагони соли ҷорӣ нисбат ба соли пешин ба имтиҳоноти давлатӣ тайёрии кофӣ дидаанд, чунки соли таҳсили ҳисоботӣ 6 нафар ва соли таҳсили гузашта 8 нафар донишҷӯён баҳои ғайриқаноатбахш гирифтанд, ки нисбат ба соли гузашта 2 нафар кам мебошад.

Дар оғози соли таҳсили 2015-2016 дар назди устодони донишгоҳ вазифа гузошта шуда буд, ки аз фанҳои алоҳидаи тахассусӣ бояд дастурҳои методӣ, воситаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ тайёр намоянд.

Бо ин мақсад устодони донишгоҳ дар соли хониши 2015-2016 пурмаҳсул кор карда китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии зиёдеро барои донишҷӯён аз чоп бароварданд.

Комиссияи экспертӣ ва табъу нашри шӯрои илмӣ – методии донишгоҳ дар соли сипаришаванда 3 китоби дарсӣ, 8 комплекси таълимӣ ва 14 дастуру васоити таълимиро дида баромада барои чоп тавсия намуданд.

Дар давоми соли 2016 дар Шӯрои диссертатсионии донишгоҳ 14-нафар рисолаҳои номзадӣ ва 1-нафар рисолаи докторӣ ҳимоя намуданд.

Дастоварди дигари донишгоҳ ин аст, ки 30 майи соли ҷорӣ муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкӣ Басгул Исупова дар хориҷи

кишвар, аниқтараш дар Донишгоҳи Вармину Мазури Ҷумҳурии Лаҳистон дар Шӯрои диссертатсионии назди "Мактаби асосии тиҷоратӣ дар Варшава Коллегияи менеҷмент ва молия" зери роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ Андрей Бушков ва мушовири илмӣ д.и.и., профессор Раҷабов Р.К. рисолаи докториашро барои дарёфти дараҷаи PhD дар мавзӯи "Портфели қарзии оптималии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити хавфи баланд (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон", 2 нафар устодони ҷавони донишгоҳ дар доираи барномаҳои байналмилалӣ (Бобохонов А. ва Накатова М.) Донишгоҳи Сантяго де Компостелаи Испанияро бо дипломи дараҷаи доктори PhD хатм намуданд.

Фаъолияти бахши инноватсионии донишгоҳ дар самти татбиқи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, таҳти №643 "Дар бораи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба роҳ монда шудааст.

Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ дар доираи нақшаи корӣ фаъолият намуда, яке аз вазифаҳои муҳимтарини он ба роҳ мондан ва густариш додани ҳамкориҳо бо донишгоҳҳо ва лоиҳаҳои хориҷи кишвар баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ғанӣ гардонидани таҷрибаи хориҷии устодон ва донишҷӯёни донишгоҳ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки донишгоҳ дар доираи барномаи Эразмус + фаъолона иштирок намуда, дар соли таҳсили 2015-2016 дар доираи барномаи табодул (мобильность) бо ду лоиҳа муваффақ гардид. Яъне дар доираи ин барнома донишгоҳ имконият пайдо намуд, ки бо ду донишгоҳи хориҷӣ, Донишгоҳи Пизаи Италия ва Донишгоҳи Ховари Анқара ҳамкориҳоро ба роҳ монад. Тибқи барномаҳои мазкур дар Донишгоҳи Пизаи Италия 2 ҷой барои бакалавр, 2 ҷой барои магистратура ва 2 ҷой барои PhD., инчунин аз ҷониби Донишгоҳи техникии Ховари Миёна дар ш. Анқара 1 ҷой барои бакалавр ва 1 ҷой барои PhD пешниҳод карда шуд. Дар чаҳорчӯбаи барномаи мазкур айни ҳол 2 нафар дар риштаи магистратура аз Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 1 нафар аз Донишкадаи иқтисод ва савдои ш. Хуҷанд дар риштаи PhD дар Донишгоҳи Пизаи Италия ва 1-нафар бакалавр дар Донишгоҳи техникии Ховари Миёнаи Анқараи Туркия таҳсил намуда истодаанд.

Моҳи сентябри соли ҷорӣ донишгоҳ дар барномаи Аврупоии Эразмус+ K02 Capacity Building PAWER (Paving the way to interregional mobility and ensuring relevance, quality and equity of access- Таъмини рушди ҳамкориҳои байни минтақавӣ ва дастрасӣ ба сифати ягона), ки ҳамоҳангсози барнома д.и.и., профессор Шарифзода М.М. мебошанд дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи Аквилаи Италия иштирок намуда аъзои фаъоли барномаи мазкур гардид ва дар нақша ҳаст, ки барномаи мазкур то моҳи августи соли 2021 фаъолияти худро давом диҳад.

Дар соли таҳсили 2015-2016, се нафар хатмкардагон ва устодони донишгоҳ аз ҳисоби маблағгузории донишгоҳ дар асоси шартномаи байни донишҷӯ ва донишгоҳ, ки пас аз хатми донишгоҳи хориҷӣ донишҷӯ уҳдадор мегардад, ки ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

баргашта тайи 5 сол фаъолият намояд, дар Донишгоҳи иқтисод ва савдои кооператсияи матлуботи Белоруссия ва Донишгоҳи кооператсияи матлуботи шаҳри Сибир дар риштаи магистратура таҳсил намуда истодаанд.

Иштироки донишҷӯёни донишгоҳ дар чорабиниҳои гуногуни илмию фарҳангӣ ва варзишӣ, ки дар сатҳи баланд доир карда шуданд, фаъолона буда, натиҷаҳои баландро соҳиб гардиданд. Чунончӣ:

- Дар моҳи октябри соли равон донишҷӯи курси 3, ихтисоси 250103 Дилоева Мадина дар озмуни ҷумҳуриявии "Донишҷӯи сол" ба гирифтани ҷои якум мушарраф гардид;

- Донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 250103-А Кабиров Ҷовид дар Ҷумҳурии Қирғизистон дар мусобиқаи байналмилалӣ аз намуди гӯштини тарзи озод ба гирифтани ҷойи 3-юм сазовор шуд ва бо медалу ифтихорнома қадрдонӣ гардид. Барои ин дастовардаш ба ӯ унвони устоди варзиш дода шуд.

- Мувофиқи мактуби Вазора ти маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо фармони Раёсати донишгоҳ устодони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ бо ҳамроҳии 25 нафар донишҷӯдухтарони донишгоҳ ҷиҳати қабул, гусел, кушодашавӣ ва пӯшидашавии Чемпионати Осиё оид ба бокс байни донишҷӯдухтарон, ки аз 8 давлати Осиё омада буданд ва аз 30 апрел то 9 майи соли 2016 дар маҷмааи варзишии Кумитаи андоз баргузор гардид, фаъолона иштирок намуда сазовори сипоснома Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд. Дар ин мусобиқа донишҷӯдухтари курси 3, ихтисоси 240104 Шоира Зулқайнарова дар вазни 75 кг, сазовори ҷои 1-ум гардид.

- Донишҷӯи курси 4, ихтисоси 250107 Раҳимов Ҷомӣ дар Чемпионати ҷумҳуриявӣ оид ба гуштини миллӣ, ки рӯзҳои 21-22 майи соли 2016 дар ш.Қӯрғонтеппа шуда гузашт, дар вазни зиёда аз 100 кг. ба гирифтани ҷойи дуюм мушарраф шуд.

Қайд гардид, ки дар баробари муваффақиятҳо дар фаъолияти донишгоҳ як қатор камбудиҳо низ ҷой доштанд, ки бартараф кардани онҳо аз ҳар як устоду корманд кӯшишу ғайрат ва масъулияти баландро талаб менамояд.

Камбудиҳои ҷойдоштаи соли сипаришаванда ва вазифаҳои барои соли 2017 гузошташуда,- гуфт дар хотимаи суханаш Шарифзода Мумин Машокир,- ҳар яки моро водор месозад, ки кору фаъолиятамонро дар сатҳи боз ҳам баландтар ба роҳ монда, дар соли ҷашни 20-солагии Ваҳдати миллӣ ба комёбию дастовардҳои беназир ноил гардем.

Дар маҷлиси ҳисоботӣ мутахассиси раёсати мактабҳои олӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Бӯриев иштирок ва суханронӣ намуда, саҳми донишгоҳро дар рушди соҳаи маориф ва тайёр кардани мутахассисони рақобатпазир назаррас арзёбӣ кард.

***Р. Шарифов***